# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исматуллои Шерхон дар мавзуи «Такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) пешниҳод гардидааст.**

Диссертатсияи Исматуллои Шерхон таҳти унвони “Такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт” ба яке аз самтҳои дорои аҳаммияти хоса - такмили механизми хизматрасониҳои маишӣ ҳамчун бахши муҳимми иқтисоди миллӣ бахшида шудааст.

Мавзуи таҳқиқ на танҳо ҷиҳати қонеъ сохтани ниёзҳои ҳаррӯзаи аҳолӣ, балки ҳамчун нишондиҳандаи сатҳу сифати зиндагии мардум ва имкониятҳои рушди иқтисодиёт аҳаммияти назариявию амалӣ дорад.

Хизматрасониҳои маишӣ дар шароити муосир ба унвони омили муҳимми ташаккули муҳити иҷтимоии устувор, таъминкунандаи ҷойҳои корӣ, мусоидаткунанда ба рушди соҳибкории хурду миёна ва василаи баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ шинохта мешаванд.

Дар заминаи татбиқи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рақамикунонии иқтисодиёт, ки дар санадҳои муҳимми барномавӣ, аз ҷумла “Консепсияи иқтисоди рақамӣ”, “Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ барои солҳои 2021-2025” ва “Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” (2025-2030)” ифода ёфтааст, зарурати такмили соҳаи хизматрасониҳои маишӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ муайян гардидааст.

Муаллиф дар рисола бо далелҳои оморӣ ва таҳлилҳои мукаммал нишон додааст, ки ҳиссаи хизматрасониҳои маишӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз 5,55 фоиз соли 2019 то ба 4,06 фоиз соли 2023 коҳиш ёфтааст. Ин нишондод далели возеҳи зарурати ислоҳоти сохторӣ ва ворид намудани усулҳои нави идоракунӣ, истифодаи абзорҳои рақамӣ ва такмили механизми танзими давлатӣ дар ин бахш мебошад.

Коҳиш ёфтани соҳаи мазкур дар солҳои зикргардида танҳо як нишондиҳандаи молиявӣ нест, балки инъикосгари маҳдудиятҳои сохторӣ, камбудиҳои инфрасохторӣ ва зарурати мутобиқсозии хизматрасониҳои маишӣ ба талаботи иқтисоди рақамӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, рисолаи мазкур ба масъалаи муҳиме равона шудааст, ки на танҳо барои назарияи иқтисоди хизматрасонӣ, балки барои сиёсати амалии давлатӣ низ аҳаммияти калон дорад. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки рушди минбаъдаи иқтисоди миллӣ бидуни такмил додани хизматрасониҳои маишӣ ва ворид кардани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба ин бахш ғайриимкон мебошад. Ин ҷиҳат зарурати таҳияи модели такмилёфтаи танзим ва татбиқи чораҳои муассирро тақозо мекунад, ки дар кори илмии Исматуллои Шерхон мавриди асосноккунии илмӣ ва пешниҳоди тавсияҳои мушаххас қарор гирифтааст.

Дар рисола масъалаҳои назариявӣ ва методологӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ омӯхта ва мутобиқ ба воқеияти иқтисодиёти Тоҷикистон арзёбӣ шудааст. Муаллиф тавонистааст бо истифода аз таҳлили оморӣ ва моделҳои иқтисодӣ-математикӣ робитаи байни рушди хизматрасониҳои маишӣ ва нишондиҳандаҳои иқтисодиро нишон диҳад. Ҳамзамон, пешниҳодҳои амалӣ оид ба беҳсозии сифати хизматрасонӣ, тақвияти нақши мақомоти маҳаллӣ, ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва рушди инфрасохтори рақамӣ баён гардидаанд, ки дорои аҳаммияти амалӣ мебошанд.

Рисола дорои як қатор ҷиҳатҳои мусбат мебошад. Пеш аз ҳама, муаллиф масъалаи таҳқиқро бо такя ба заминаҳои назариявӣ ва методологӣ асоснок намуда, бо истифода аз маълумоти оморӣ ва усулҳои иқтисодӣ-математикӣ натиҷаҳои воқеӣ ва асоснок пешниҳод кардааст. Инчунин, таҷрибаи хориҷӣ ба таври муқоисавӣ таҳлил гардида, пешниҳодҳои амалӣ барои беҳсозии низоми хизматрасониҳои маишӣ баён гардидаанд.

Ҳарчанд таҳқиқ дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад, бархе паҳлӯҳои он метавонанд дар оянда боз ҳам мукаммал гарданд. Аз ҷумла:

1. Арзёбии таъсири сиёсати давлатӣ ба рушди хизматрасониҳои маишӣ бештар ба таври умумӣ оварда шудааст ва таҳлили амиқтар метавонист натиҷаҳои корбурдиро ғанитар гардонад.

2. Ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва баробарии дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои рақамӣ метавонанд дар рисола муфассалтар инъикос ёбанд, ки ин арзиши илмии рисоларо баландтар намояд.

Ин норасоиҳои ҷузъӣ арзиши илмӣ ва амалӣ доштани рисоларо коста намекунанд.

Хулоса рисолаи пешниҳодшудаи муаллиф дар мавзуи «Такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» кори илмии анҷомёфта арзёбӣ гардида, дорои натиҷаҳои илмию амалӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Муаллиф Исматуллои Шерхон сазовори ба даст овардани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, директори**
**Институти иқтисодиёт ва демографияи**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** **Бобозода К.О.**

Имзои К.О. Бобозодаро тасдиқ менамоям:

**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**ИИД АМИТ, н.и.и.** **Аюбӣ Ф.**

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Ризо, 6А Телефон/Fax: +992 (37) 221-67-50; +992 (37) 221-57-65 Fax: +992 (37) 221-67-50 Суроғаи электронӣ: info@ied.tj

«____» _______ соли 2025